…ЛАЪЛЕ, КИ ТОҶИ ХИСРАВОНРО ЗЕВАР АСТ

## ДОРО НАҶОТ



Ин ҷо
дар дуриҳои дур
аз ҳароси мурдан
ном аз беномӣ меҷӯяму
ком аз нокомӣ
ва Худой
аз хеш меёбаму
хешро аз Худой.

Роҳам то ин ҷост,
ин ҷо,
ки аз ҳавош меояд
насими огоҳӣ
ва аз обаш
бӯи моҳияти моҳӣ.

Дигар
на пой мекашаду на дил
ба сӯе,
ки дар гили дил ғӯтида
пои нафс.

### ҲИҶРАТЕ ДАР БОТИН

Ҳанӯзем
сафарнасиби ниҳонсӯи Бесӯ
ва пайсипор
аз нафс ба дил,
аз дил ба сар,
аз сар ба ҷон,
аз ҷон ба Ҳақ.

Дар ин масир
парешидаем
мӯяҳои боди тасаллоро
*ба дарахтони тирхӯрда*
*ва чашидаем*
шабнами гиряҳои сабзро
аз лобаи баргҳо.

Дар ин масир
расидаем
ба андӯҳи мурчае
маҷрӯҳ,
ки ҳарфи давоне буд
дар сатри равони назми мурчаҳо.

н.

ги фол.

## ЖОЛАИ ИСФАҲОНӢ



**(Ба истиқболи 10-солагии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон)**

***Шоираи хушадои Эрону Тоҷикистон Жола Бадеъи Исфаҳонӣ, ки китобҳои шеърaш дар Душанбе, Москав ва Теҳрон борҳо нашр шудаанд ва барои хонандаи тоҷик чеҳраи шинохтаи адабӣ мебошад, даҳ соли охир муқими Лондон аст. Инак, гузинаи ашъорашро, ки нашриёти "Албурз"-и Теҳрон соли 1997 (1376) бо номи "Мавҷ дар мавҷ" аз чоп баровардааст, ба дасти ҳамсари устоди зиндаёд Мирсаид Миршакар - Гулчеҳраи Миршакар бо соядасте "барои хонандагони арҷманди тоҷик бо меҳри бепоён" ирсол намудааст. Чанд шеър аз ин китоб ба хонандагони "Адабиёт ва санъат" тақдим мешавад.***

### ДАР ҲАВОИ ШУМО

*"Замона гашт дигаргуну ман дигар гаштам"*
*Рӯдакӣ*

Хушам, ки дар дили шаб муждаи саҳар гаштам,
Пайи ситораи хушбахтии башар гаштам.
Ман он дарахти шикебои решадархешам,
Ки зери зарбаи ҳар теша тозатар гаштам.
Агар зи боди парешон ба сахра афтодам,
Дарахти кӯҳии хуррам зи баргу бар гаштам.
В-агар ки сели хурӯшон ба коми баҳрам бурд,
Ба сӯи соҳил бо мавҷ ҳамсафар гаштам.
Ба саргузашти шигифтам, ба шодии рӯҳам"
Вафо кунеду нагӯед "дарбадар" гаштам.
Ду боли саркаши ман шеър буду ишқи Ватан,
Ба қуллаҳо чу уқобони тезпар гаштам.
Насими меҳри шумо буду оташи дили ман,
Ки дар шукуфтани ҳар вожа шӯълавар гаштам.
Барои рӯшании ишқу шодии дилҳо
Ҳамеша дар пайи ойинаи зафар гаштам.
Замона ҳарчи дигаргун шавад, ҳамонам ман,
Ки дар ҳавои шумо пайки хушхабар гаштам.

дар сатри равони назми мурчаҳо.
Хиҷлате
дар рӯҳамон хазид
мурчавор,
ки инсон
ҳашарот месозад
шимиёйиву
микробиёлужӣ,
аммо,
бо ду пой меланғад
дар илоҷи захми пойи як мӯрча.

Дар ин масир
анбоштаем
дилҳоро
аз дилҳурахои соҳил
ва тапиши як моҳии уфтода ба чанги сайёд.

Дар ин масир
гузаштаем
аз чаҳчаҳаи соатҳои андалебӣ
ва шамидаем
замзамаи ҳазорон соли заминиро
аз Замзами савтҳои муаттари лаҳза.
Баъд,
дар поктарин хаёли обу маҳтоб
паростаем
ошиқонаҳоро
дар ҳазни мурча,
тапиши дили моҳӣ,
ва оёти баргҳо.

Ҳанӯзем
гӯёи "ё-ҳу",
пӯёи бекӯ,
ҷӯёи Бесӯ
аз нафс ба дил,
аз дил ба сар,
аз сар ба ҷон,
аз ҷон ба Ҳақ.

---

Меҳ- бухоре, ки чун абр гардиш кунад; ба русӣ - туман
Ҳаста- донак.

## МЕШАВАД ОТАШ НАСӮЗАД?

Рӯҳи исёнии ман ором хоҳад шуд?
Мешавад оташ насӯзад?
Мешавад дарё наларзад?
Мешавад оё замин (монанди инсон)
Даври худ доим нагардад?
Аз ҳазорон шӯълаи хуршеди сурхии шафаққо
Моҳи маҳтобофарин гулфом хоҳад шуд?
Андар ин дашти мушавваш
Тавсани сар бар ҳавои орзуҳо ром хоҳад шуд?
Ташнаи амвоҷи дарё
Серком аз ҷуръаҳои ҷом хоҳад шуд?

Дар ғубори ин ҳама андӯҳу ин анбӯҳи шодӣ
Рӯҳи исёнии ман ором хоҳад шуд?

PARVAZ

## ПАРВОЗ

Баҳори сабзи ҷавонӣ, ки пар кушуду гурехт,
Зулоли чашмаи кӯҳӣ шуду зи чашмам рехт.
Магар на кӯҳам ман,
Ки банд-банди танам санги рӯзгорон аст
Ва ҷони муштоқам
Ғурури қуллаи сангини кӯҳсорон аст.
Ҳазор нағмаи шодӣ таровад аз шеърам,
Ғамам ҳазорон аст.
Ман он чи мегузарад он суви замон, хоҳам,
Фазои тозаву парвози бекорон хоҳам.

TARONAE RANGIN

## ТАРОНАИ РАНГИН

Он шаб, ки моҳ машъали рӯи дарахт буд,
Дар солҳои сабзи дурахшанда дидамаш
Як лаҳза,
Як таронаи рангини мондагор...

Он иштиёқи шӯълавар,
Он ҳисси гунгро
Гуфтан чи сахт буду нуҳуфтан чи сахт буд!
Он шаб, ки моҳ машъали рӯи дарахт буд.